# ФАРМОИШИ
# РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «05» 03 соли 2024 № 02/уи ш. Душанбе

*Дар бораи додани унвони илмӣ*

Мутобиқи сархати 18 банди 9 ва сархатҳои 4 ва 9 банди 18 Низомномаи Муассисаи давлатии "Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон" (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, № 270), бандҳои 2, 4 ва 5, сархати 1 банди 38 ва банди 40 Тартиби додани унвонҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Ба 3 (се) нафар довталабони дар замимаи фармоиши мазкур зикршуда, шаҳодатномаи намунаи давлатии унвони илмии профессор дода шавад.
2. Мудири шуъбаи ташкилӣ-молиявӣ ва ҳуқуқ (Ёров Э.А.) вазифадор карда шавад, ки барои таъмин ва барасмиятдарории се адад шаҳодатномаи намунаи давлатии унвони илмии профессор чораҳои зарурӣ андешад.
3. Мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ (Азизӣ М.М.) вазифадор карда шавад, ки дар мӯҳлати то 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидани фармоиши мазкур, ҷиҳати ҷойгир намудани нусхаи он дар сомонаи Комиссия ва парвандаи аттестатсионии довталабон чораҳои зарурӣ андешад.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Шарифзода М.М. вогузор карда шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 феврали соли 2024, № 1.

Раис Давлатзода С.Х.

Замима
ба фармоиши раиси Комиссияи
олии аттестатсионии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «05» 03 соли 2024, №02/уи

Рӯйхати
довталабони дарёфти унвони илмии профессор, ки ба онҳо шаҳодатномаи намунаи давлатии унвони илмии профессор дода мешавад

| № | Насаб, ном ва номи падари довталаби дарёфти унвони илмии профессор | Муассисае, ки барои сазовор донистани унвони илмии профессор ба Комиссия дархостнома пешниҳод кардааст |
|---|---|---|
| 1. | Мӯсозода Амирбек Қара | Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов; профессор аз рӯйи ихтисоси «Санъат» |
| 2. | Улугхоҷаева Хосиятхон Рауфовна | Донишгоҳи миллии Тоҷикистон; профессор аз рӯйи ихтисоси «Иктисодиёт» |
| 3. | Қурбанов Абдураҳмон Шерович | Донишгоҳи миллии Тоҷикистон; профессор аз рӯйи ихтисоси «Фалсафа» |